**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад таҳти унвони «Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ» (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Нишон додани ҷузъи миллӣ-фарҳангии семантикаи воҳиди фразеологӣ, ки дар ин таҳқиқот топоним ба ҳисоб меравад, имкон медиҳад, ки воҳидҳои фразеологӣ аз нуқтаи назари фарогирии маълумот дар бораи фарҳанги миллӣ дар онҳо омӯхта шаванд. Ин амр имкон медиҳад, ки тазодди фарҳангии архетипии «мо – дигарон / худӣ – бегона», ки дар воҳидҳои фразеологии топонимикӣ сабт шудаанд, муқаррар ва муайян карда шаванд.

Бояд ёдовар гардам, ки то ҳол таҳқиқоти лингвистии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба тариқи мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст ва кори диссертатсионии мазкур нахустин рисолаест, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи онро ба тариқи мукаммалу алоҳида фаро мегирад. Гузашта аз ин, маводи фаровони ҷамъоваришуда ҳамчунин метавонад барои баъзе аз соҳаҳои забоншиносӣ низ муҳим ва арзишманд бошад. Дар ин поя таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври мушаххас аҳаммияти муҳим дошта, имкон медиҳад, ки оид ба як ҷузъи илми забоншиносӣ ва мавқеи он дар низоми воҳидҳои забон таҳқиқ ба анҷом расонида шавад.

Боби якуми диссертатсия «**Масъалаҳои назариявии омӯзиши топонимҳо дар забоншиносии муосир**» номгузорӣ шудааст, ки он аз се фасл иборат мебошад.

Дар боби дуюм **«Омӯзиши ҳамбастагии воҳидҳои фразеологӣ ва номвожаҳо»**, масъалаҳои марбут ба воҳидҳои фразеологӣ, сохтор, маъно ва инъикоси вижагиҳои фарҳангии соҳибзабонон дар ибораҳои рехта ва зарбулмасалу мақолҳо нишон дода шудаанд.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маводи мушаххаси амалӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии он ба муҳаққиқ имкон додааст, ки вазифаҳои гузоштташударо ҳал намояд. Дар маҷмуъ, таҳқиқи забоншиносии «Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ» (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ), ки аз ҷониби Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад пешниҳод шудааст, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои омӯзиши фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ ва масъалаҳои умумии назариявӣ ва амалии ономастика ва дар маҷмуъ забоншиносӣ арзишманд аст.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ ду монография, 7 мақолаи илмии бачопрасида инъикос ёфтаанд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи

тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки мавзуъ, масъалаҳо, мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос мекунанд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натаҷаи меҳнати чандсола ба мақсади худ расидааст. Тахлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Дар баробари муваффақияти бадастомада дар автореферат баъзе камбудиҳо мушоҳида карда шуд, ки ислоҳи онҳо ба манфати кор мебошанд.

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад;
2. Дар рӯйхати адабиёт оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар матни автореферат кам ба назар мерасанд;
3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд ба назар мерасад;

Ҷойи зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд мебошанд ва қимати илмии автореферат ро намекоҳонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад таҳти унвони «Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ» (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Мудири кафедраи методикаи
таълими забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.ф. Гуламадшоев Ш.Ш.

Имзои .и.ф. Гуламадшоев Ш.Ш.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

“23” 09 2022